*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ, дастгирии давлатии бахши хусусӣ зарур мебошад. Зеро яке аз принсипҳои асосии иқтисоди бозорӣ рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ислоҳоти соҳаи иқтисодию иҷтимоӣ ва ташаккули бахши хусусӣ ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гардидааст. Вобаста ба норасоии маблағҳои молиявӣ дар фазои соҳибкории ҷумҳурӣ ва нокифоя будани дастгирии давлатии бахши хусусӣ, имрӯз бисёре аз корхонаҳо ба муфлисшавӣ рӯ ба рӯ гардида истодаанд. Дар чунин шароит, дастгирии давлатӣ ва таҳияи механизмҳои ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ хеле муҳим ва зарур мебошад. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки мавзӯи интихобнамудаи муаллиф мубрам ва аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлили автореферати Асрорзода Абдулло Саттор нишон дод, ки муаллиф дар раванди таҳқиқоти кори диссертатсионӣ 4 вазифаи асосиро барои расидан ба мақсади гузошташуда муайян намудааст ва дар ҷараёни таҳқиқот ба иҷрои пурраи онҳо муваффақ гардидааст.

Навгониҳои илмӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф масъалаҳои назариявӣ, методологӣ, арзёбии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосабарорӣ, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти соҳибкорӣ ва механизмҳои мавҷудаи ҳамкории давлат бо бахши хусусиро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар ин замина, такмили механизми ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди технологӣ пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон, яке аз самтҳои муҳими навгонии илмӣ пешниҳоди модели мукаммали ҳамгироии механизмҳои иқтисодию молиявӣ ва институтсионалӣ ҷиҳати дастгирии давлатии бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ мебошад. Хусусияти фарқкунандаи ин модел аз дигар моделҳо дар он ифода меёбад, ки муаллиф бештар ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, рақамикунонии фаъолияти соҳибкорӣ, рушди соҳибкории сабз ва пешгирии расонидани зарар ба экосистемаи табиӣ таваҷҷуҳ намудааст.

Дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ муаллиф масъалаҳои марбут ба механизмҳои иқтисодию молиявии дастгирии давлатиро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар расми 1 (саҳ. 12) хусусиятҳои асосии низоми дастгирии соҳибкориро гурӯҳбандӣ намудааст. Дар он механизмҳо, принсипҳо, воситаҳо, усулҳо ва роҳҳои дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешниҳод гардидаанд. Ҳамзамон, муаллиф дар саҳифаи 13-и автореферат механизмҳои танзими низоми иқтисодиро аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил намуда, асоснок кардааст, ки маҳз дар доираи чунин механизмҳо раванди танзими иқтисодиёт ва фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад.

Муаллиф ҷиҳати муайян намудани вазъи фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши иқтисоди миллӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намудааст. Муайян гардидааст, ки шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 2020-2024 ба андозаи 6,9% зиёд шудааст. Ҳамзамон, соҳибкории инфиродӣ ҳарчанд дар ин давра рушд намуда бошад ҳам, вале динамикаи рушди он дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 дар сатҳи 0,3% коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат аз мавҷудияти мушкилоти маъмурию иқтисодӣ ва молиявӣ дар бозори соҳибкории инфиродӣ шаҳодат медиҳад, ки монеаи рушди минбаъдаи он хоҳад гашт.

Вобаста ба ин, муаллиф дар саҳифаҳои 18-24 самтҳо ва роҳҳои беҳтар намудани фаъолияти соҳибкориро дар ҳамбастагӣ бо дастгирии давлатӣ

пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, дар ҷадвали 4 вобаста ба рушди технологияҳои рақамӣ ва истифодаи васеи платформаҳои зеҳни сунъӣ, самтҳои афзалиятноки фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамбастагӣ бо дастгирии давлатӣ нишон дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, татбиқи ин самтҳо метавонад ба гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди сабз ва расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор мусоидат намояд.

Хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодшуда метавонанд дар раванди фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои соҳавӣ мавриди истифода қарор гиранд. Онҳо дорои аҳамияти амалӣ ва хусусияти методологӣ буда, барои такмили низоми дастгирии соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат менамоянд.

Дар баробари афзалиятҳо, дастовардҳои илмӣ ва навгониҳои пешниҳодшуда, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Дар қисмати назариявии таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ба таври васеъ инъикос наёфтааст. Баррасии муфассалтари ин таҷрибаҳо метавонист эътимоднокии ақидаҳо ва хулосаҳои муаллифро боз ҳам тақвият бахшад.

2. Агар муаллиф масъалаи истифодаи технологияҳои инноватсиониро дар фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамбастагӣ бо дастгирии молиявии давлатӣ амиқтар таҳқиқ менамуд, сатҳи илмӣ ва амалии диссертатсия боз ҳам баландтар мегардид.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиш ва сатҳи илмии автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Мундариҷаи автореферати диссертатсия фарогири масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии соҳаи таҳқиқот буда, нишон медиҳад, ки муаллиф ба ҳалли вазифаҳои гузошташуда ба таври пурра муваффақ гардидааст. Дар ҷараёни таҳқиқот натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дорои аҳамияти амалӣ буда, метавонанд дар такмили сиёсати

иқтисодӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва таҳкими ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамин тавр, таҳлили автореферат ва маводҳои илмии нашршуда нишон медиҳад, ки таҳқиқоти анҷомёфта дорои якпорчагӣ, мантиқ ва навоварии илмӣ мебошад ва натиҷаҳои он метавонанд барои рушди соҳа ва таҳияи барномаҳои стратегӣ аҳамияти назаррас дошта бошанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ва мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавон хулоса намуд, ки кори диссертатсионӣ ҷавобгӯи талаботи илмӣ ва методологӣ мебошад. Диссертант Асрорзода Абдулло Саттор сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 - Иқтисодиёт (5.2.13 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Тӯра Раббим**

Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд ,17-мкр-н, хонаи 1, Телефон: (+992) 3422 23594 E-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббимро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Бобоев А. Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС